Суратҷаласаи № 4

Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВДК "Хуҷандобуканал"

27 январи соли 2016

ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд: Бурҳонов Р.С. –сардори иҷроиши лоиҳаи КВДК "ХОК, намояндаи ФилиалиТҶ "Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон" дар вилояти Суғд, аъзоёни шӯрои машваратӣ

Иштирок надоштанд: 2 нафар (аз ШСМ)

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баромади Сардори шӯъбаи иҷтисоди КВДК "Хуҷандобуканал" Ғафурова М. оиди нишондиҳандаҳои молиявӣ
2. Масъалаҳои ҷорӣ ва шунидани муаммоҳои иштирокчиён

Гузаронидани вохӯрии навбатии Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ бо кормандони КВДК "Хуҷандобуканал" ва намояндагони раисони биноҳо, намояндагони ҷамоатҳои Ёва ва Д. Холматов оид ба татбиқи механизмҳои алоқаи баръакс бо истеъмолкунандагонро тибқи нақшаи чорабиниҳо Бурҳонов Р.С. ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Ҳозиронро ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлис шинос намуда, оиди меъёрҳои Низомнома дар бораи ҳозир нашудан ва иштироки ҳатмии аъзоён истода гузашт.

Тибқи масъалалаи якуми рӯзномаи Шӯро оид ба нишондодҳои молиявии КВДК "Хуҷандобуканал" сардори шӯъбаи иқтисод Ғафурова М. баромад намуд. Ӯ оиди нишондодҳои молиявии корхона гуфтагузашта, изҳор дошт, ки таъминоти аҳолӣ бо оби нушоки нисбат ба соли 2015 беҳтар шудааст ва пардохти маблағ аз ҷониби аҳолӣ ба 98% баробар аст, ки ин нишондоди хуб мебошад. Инчунин баромадкунанда зикр намуд, ки корхона дар назди мақомотҳо ва ташкилотҳои дигар 10 миллион сомонӣ қарздор аст. Пардохти маблағи барқ бошад, бо сабаби таъсири бӯҳрони иҷтисодӣ зиёд шудааст. Корхонаҳои буҷавӣ дар назди корхона қарздор мебошанд.

Баъди баромади сардори шӯъбаи иқтисод масъалаи дуюми рӯзномаи маҷлис масъалаҳои ҷорӣ ва муаммоҳои иштирокчиён барраси шуд, ки дар ин ҳангом намояндаи ШСМ масъалаи истифодаи оби полезӣ барои гирду атрофи биноҳои истиқоматиро ба муҳокимаи ҳозирин гузошт. Намояндагони ШСМ мегуянд, ки чаро барои истифодаи оби полезӣ маблағ гирифта мешавад. Пешниҳод шуд, ки ин масъала дар Шӯро ҳаллу фасл шуда, аз номи Шӯро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муроҷиатнома пешниҳод карда шавад.

Набиев В. Баромад намуда оиди ин масъала чунин гуфт, замоне худ огаҳи доред, ки системаи ирригатсионӣ вуҷуд дошт он система аз дарё обро гирифта ба гулгашту хиёбонҳои шаҳр дода мешуд. Локин ҳозир бошад оби нушокии коркардшуда барои обёри намудани дарахтон истифода бурда мешавад.

Ҳуқуқшинос Ғафуров Ш. Баромад намуда гуфт ,ки ин қарзи ҳар як шаҳрванд аст. Ӯ оиди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта гузашт, ки мутобиқи он барои обёрии гирду атрофи биноҳо бояд иҷозатнома ва шартномаи иловагӣ баста шавад. Ӯ гуфт ,ки касе обро истифода мебарад, бояд маблағро худ пардохт намояд.

Намояндаи Ором гуфт, ки ҷамъоварии маблағ хело мушкил аст, чунки қубурҳо фарсуда шудаанд, ки об то нуктаҳои лозима намебароянд. Халқ маблағро намедиҳад, зеро об ба ҳама дастрас нест, оби худ мекашонанд.

Намояндаи Корхона гуфт, ки обҳои кашондишаванда низ пулакӣ мебошанд ва бояд пардохт шаванд, маҳаллаҳои ором дар қисми 3 лоиҳа пешбини шудааст.

Намояндаи ҷамоати Ёва бо чунин муаммо баромад намуд, ки агар ягон садама шавад ва қубурҳои об корношоям шаванд ё онҳоро таъмир кардан лозим шавад, ки маблағашро пардохт менамояд?

Ҳуқукшинос гуфт, ки дар ин маврид касе соҳибмулк бошад ӯ садамаро барҳам медиҳад. Инчунин ба ин масъала намояндаи КВДК "Хуҷандобуканал" гуфт, ки қубурҳои Ёва дар баланси Корхонаи онҳо намебошад, агар онҳо ҳамаи қубурҳоро ба баланси Корхона гузаронанд, пас таъмир ва бартараф кардани садамаҳо ба зиммаи Корхона мебошад.

Намояндаи бинои 34 маҳаллаи 33 пешниҳод намуд, ки барои ободониву кабудизоркунии гирду атрофи биноҳо масъалаи таъмин намудани он бо обёрӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр яктарафа карда шавад, зеро онҳо оиди шинонидани дарахтва кабудизоркунии маҳалҳо ҳисобот мепурсанд.

Чунин пешниҳод шуд, ки аз номи Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ ба унвонии Раиси шаҳр мактуб пешниҳод карда шавад.

Инчунин пешниҳод шуд, ки дар вохурии оянда оиди таъминоти маҳаллаҳои навбунёд бо оби нушокӣ маълумоти муфассал пешниҳод карда шавад.

Дар охири маҷлис қарор карда шуд, ки ба Раиси шаҳр оиди ҳал намудани вазъияти таъмини маҳалҳо бо оби полези барои кабудизоркунии маҳалҳо мактуб аз номи Шӯро пешниҳод карда шавад.

Бо ҳамин Шӯрои машварати ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурҳонов Р.С.

Котиби комиссия: Набиев В.